**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

**аз 07.03.2026** **н. Данғара**

Баромади Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон дар мавзуи **«Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик), тақризи муассисаи пешбар – **Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – **Сироҷиддини Эмомалӣ**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – **Зулфиев Гадомад Нурмадович**, ҳамчунин, суханронии муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Кабиров Шаҳбозбек, Асозода Ҳотам Раҷаб, Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло ва Саидҷаъфаров Озод Шовалиевичро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) ба Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.

07.03.2026.